# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи диссертатсионии Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич, дар мавзуи: **«Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01- назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (биология)).

Рушди бошиддати илмӣ-техникӣ, ки охири асри XX ва оғози асри XXI тамаддуни инсониро фаро гирифт, боиси таҳаввулоти соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, бахусус пешрафту нововарии нанотехнологӣ, бозсозию ислоҳоти соҳаҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун дигар мамолики Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба раванди нави таълим ва фазои ягонаи таҳсилоти умумибашарӣ, яъне муносибати босалоҳият ба таълим шомил шуд.

Азнавсозӣ, ислоҳот ва такмили нақшаю барномаҳои таълимии фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ ва техникӣ дар заминаи амалисозии Барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, таҳти №1445 сурат гирифта истодааст. Дар ин радиф ба нақша ва барномаҳои таълимии фанҳои табиӣ (табиатшиносӣ, география, ботаника, зоология, анатомия, физиология ва беҳдошти саломатӣ, экология ва биологияи умумӣ) бо тақозои замони муосир тағйироту иловаҳо ворид гардиданд. Низоми таҳсилот аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз соҳаҳои афзалиятноки кишвар эълон гардида, санаду ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар ин самт рӯз аз рӯз мукаммал гардида истодаанд.

Таҷдид ва такмили низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040» сурат гирифта истодаанд. Ва, бешубҳа, дар чунин шароит ташаккули шахсиятҳои салоҳиятманд аз вазифаҳои мубрами дар назди низоми таҳсилот гузоштаи давлату ҷамъият ба шумор меравад. Зеро тезутундшавии муносибатҳо дар бозори меҳнат боиси буҳронӣ гаштани ҳолати равонию маънавӣ ва иқтисодии ҷомеаи муосир гардида истодааст. Дар ин ҳолат фаъолиятҳои инсон бештар хосияти ҷустуҷӯӣ ва эҷодӣ касб намуда, доштани салоҳиятҳои таҳқиқотӣ имкон медиҳанд, ки фаъолияти меҳнатӣ самаранок ва ниёзҳои инсонро қонеъкунанда гарданд. Ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотӣ-ҷӯяндагӣ ва эҷодӣ аз синфҳои ибтидоӣ сар мешавад, зеро дар ин давра рушди зеҳнии кӯдак босуръат мегузарад. Бинобар ин бо мақсади ташаккул ва нарм гардонидани масири инкишофи шахсияти дорои салоҳиятҳои таҳқиқотӣ ба фаъолиятҳои таълимӣ тарбиявӣ ҳамгиро намудани фаъолиятҳои мустақилонаи таълимӣ-тарбиявии мустақилонаи берунаӟсинфию беруназдарсӣ зарур мебошад. Яке аз шаклҳои ташкили чунин фаъолиятҳо, ки ба ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол мусоидат менамояд, ин ташкили озмоишҳои хонагӣ аз табиатшиносӣ ба шумор меравад. Ва унвонҷӯ Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич низ мубрамияти масъалаи мазкурро эҳсос карда, мавзуи таҳқиқотии илмиашро зери унвони **«Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ»** интихоб намудааст.

Диссертант дар дохили масъалаи мазкур ихтилофоти мантиқиро ошкор ва дар асоси он мақсад, объект ва предмети таҳқиқотро дуруст муайян намудааст.

**Мақсади таҳқиқоти мазкур** аз ҷиҳати назариявию амалӣ асоснок намудани ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол дар раванди ташкили озмоишҳо ҳамчун супориши хонагӣ аз табиатшиносӣ мебошад.

Бо такя ба таҳлили дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва ҳолати воқеии мушкилии мавриди таҳқиқ қарордодааш фарзияи таҳқиқотро вобаста ба талаботи муосири низоми таҳсилот ва ҷомеа пурмазмун пешниҳод намуда аст, ки он ба самаранокии кори таҳқиқотиаш мусоидат намуда, дар ниҳоят муваффақ гардонидааст.

Кӯшиш намудааст, ки ҳадафи гузоштаашро тавассути таҳияи мазмуни бою рангини озмоишҳои хонагӣ, интихоби методҳои қулайи таҳқиқотӣ-таълимӣ, воситаҳои дастрас ва бехатари гузаронидани ин озмоишҳо ва шаклҳои мустақилони иҷрои фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ иҷро намояд.

Вобаста ба мақсад, фарзия ва объекту предмети таҳқиқот дар назди худ вазифа гузоштааст, ки самтҳои асосии ташаккулёбии салоҳияти таҳқиқотии хонандаи хурдсол ва имкониятҳои озмоиши хонагӣ аз табиатшиносиро, ки ба ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунанд ошкор намуда, роҳу усулҳои самараноки ташкили фаъолиятҳои таҳқиқотӣ-озмоишии онҳоро муайян кунад. Диссертант роҳҳои методии зина ба зина ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсолро бо истифода аз озмоишии хонагӣ коркард ва таҳия намуда, самаранокии онро дар озмоиши педагогӣ санҷидааст.

Рафти иҷрои кори таҳқиқотӣ, идомаи мантиқии амалҳо нишон медиҳанд, ки муҳаққиқ аз методология ва методҳои таҳқиқоти илмӣ бохабар буда, масъалаҳои имлиро тавонистааст дар сатҳи фаласафӣ, умумиилмӣ, мушаххасан илмӣ ва технологӣ пурра, пай дар пай ва бонизом мавриди омӯзиши амиқ ва дақиқ қарор дода муваффақ шавад.

Таҳқиқоти илмӣ-диссертатсионӣ солҳои 2014-2021 гузаронида шуда пурра ба талаботи гузаронидани корҳои таҳқиқотии педагогӣ ҷавобгӯй мебошад ва дар марҳилаи аввали таҳқиқот адабиёти психологӣ-педагогӣ доир ба масъалаи матраҳшаванда ҷамъоварӣ ва мавриди омӯзишу таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳлили адабиёт ва таҷрибаи

педагогии гузаштаи оид ба мавзуъ ба диссертант имконият додааст, ки мавқеи ниҳоии мавзуъро асоснок карда проблема, мақсад, объект ва предмети таҳқиқотро муайян намуда, фарзияро пешниҳод, методология ва усулҳои таҳқиқотро интихоб ва нақшаи гузаронидани таҳқиқотро коркард намояд.

Дар марҳилаи дуюми тадқиқот фарзияи гузоштаашро тавассути лоиҳаи методии таҳиянамудааш дар раванди озмоиши педагогӣ татбиқ намуда, дурустии онро санҷида, маълумотҳои ба дастовардашударо таҳлил ва ба низом даровардааст.

Дар марҳилаи сеюми тадқиқот, ки маъмулан бояд аз натиҷагирӣ-хулосабарорӣ иборат бошад, мазмуни таҳқиқот ва натиҷаҳои озмоиши педагогӣ ба низом даровarda шуда, хулосабарорӣ гардида, дар шакли диссертатсия пешниҳод гардидааст.

Барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда ва асосонокгардонии фарзияи пешниҳоднамудааш аз дар марҳилаи назариявӣ мавқеъ ва нуқтаи назари адабиётҳои илмиро дуруст муайян намуда таҷрибаи оммавии педагогӣ-психологиро мавриди омӯзиш, таҳлил ва хулосабарорӣ қарор додааст. Ин ба диссертант имкон додааст, ки амсилаи назариявии раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои тадқиқотии хонандаи хурдсолро ба воситаи ташкили озмоишҳои хонагӣ таҳия намуда, самаранокии онро дар озмоиши педагогӣ санҷад. Махсусан истифода аз методҳои таҳқиқоти педагогии пурсиши тестӣ, гузориш, назарпурсӣ, суҳбат бо хонандагон, волидайни онҳо ва муаллимон, таҳлили корҳои эҷодӣ, омӯзиши ҳуҷҷатнигории педагогӣ, мушоҳида, лоиҳакашӣ, бақайдгирии натиҷаҳои омӯзиш ва дараҷаи инкишофёбии хонандагони дар раванди таҳқиқот иштирок намуда, таҳлили миқдорию сифатӣ ва сабабӣ-натиҷавии фаъолиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ арзиши илмии кори таҳқиқотиро баланд бардоштааст.

Ҳамчун пойгаҳи озмоишии тадқиқот интихоб гардидани муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи

марказ, боиси ба душвориҳо рӯ ба рӯ гаштани диссертант гардида бошад, ҳам аз уҳдаи иҷрои он муваффақона баромадааст.

**Аҳамияти назариявии** натиҷаҳои таҳқиқотро бо муайян кардани дараҷаи имкониятҳои фаъолиятҳои беруназдарсӣ ва озмоишҳои хонагии хонандагонии хурдсол дар ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотиашон, дар мутобиқат бо барномаи таҳсилоти ибтидоӣ, исбот намуда, барои ташакулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол системаи қоидаҳои ташкили фаъолиятҳои беруназдарсӣ дар шакли озмоишҳои хонагӣ самаранок истифода кардааст. Ҳамчунин шароити амалинамоии неруи ташаккулдиҳандаи фаъолиятҳои беруназмактабии хонандаи хурдсолро раванди ташаккулёбии салоҳоиятҳои таҳқиқотиашон баён сохта, хусусиятҳои меъёрӣ-дараҷавии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсолро муайян кардааст. Муваффақ гардидааст, ки ташакулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсолро дар зинаҳои гуногун (шавқмандӣ-тайёрӣ, фаъолиятӣ-ҷустуҷӯӣ, баҳогузорӣ натиҷагирӣ) ба қайд гирифта, самаранокии истифодаи неруи фаъолиятҳои беруназдарсӣ ва озмоишҳои хонагиро дар раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол исбот созад.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Раванди ташаккулёбии малакаҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол, ҳамчунин маҷмуи методҳои баҳогузории сатҳи ташаккулёбии салоҳиятҳо, ба муаллим имконият медиҳад, ки дараҷаи маълумотгирии хонандаро ташхис, коркард ва амалӣ намуда, масири рушди бонизоми кӯдакро таҳия ва амалӣ намояд. Системаи воситаҳои ташаккулёбии малакаҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол дар шароити корҳои беруназдарсӣ ва махсусан, озмоишҳои хонагӣ тасдиқи худро ёфта, модели фаъолияти беруназдарсӣ ва мустақилонаи хонагии хонандаи хурдсол ба муаллимони мактаби ибтидоӣ дар ҷодаи ба нақшагирии барномаҳои корҳои берунидарсӣ ва озмоишҳои хонагӣ ёрии амалӣ расонида метавонад.

Натиҷаҳои ба даст омадаро метавонанд муаллимони муассисаҳои

таҳсилоти ибтидоӣ, муаллимони муасиссаҳои таҳсилоти иловагӣ бо таври васеъ истифода намоянд ва барои ҷустани роҳҳои нави халли мушкилоти педагогии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандаи хурдсол дар шароити фаъолиятҳои беруназдарсӣ ва озмоишҳои хонагӣ, дар фаъолиятҳои амалии таҳсилоти ибтидоии муосир асос намоянд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:** Муҳаққиқ тавонистааст мазмун ва мундариҷаи озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносии синфҳои ибтидоиро дақиқ таҳия карда, имкониятҳои онро дар ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол муайян созад. Роҳу усулҳои самараноки ташкили озмоишҳои хонагиро, ки боиси баландшавии сифати таълим мегарданд ошкор намуда, самаранокии роҳҳои методии пешниҳоднамудаашро амалан санҷад.

Дар диссертатсия салоҳиятҳои тадқиқотии хонандагони хурдсол, ҳамчун ҳадафи асосии таҳсилоти ибтидоӣ муайян гардида, дар маҷмуъ, чунин салоҳиятҳои таҳқиқотии онҳо пешниҳод гардидааст: салоҳиятҳои ташкилӣ-амалӣ; салоҳиятҳои истифодаи усулҳои умумимантиқӣ; салоҳиятҳои ҷӯстуҷӯӣ-ахборотӣ; салоҳияти қайд намудани маълумот дар шакли рамзҳо ва аломатҳои шартӣ ва кор бо муайянкунандаҳо, мафҳумҳо, истилоҳот; салоҳияти дарк намудан ва шарҳ дода тавониставни матни хаттӣ ва лафзӣ, бодиққат гӯш кардани баромадкунанда ва ташкил намудани баҳси илмӣ, хулосабарорӣ; салоҳияти ташкил карда тавонистани муҳокимаронии баҳогузорӣ ва худбаҳогузорӣ, асосноккунии баҳои гузошташуда (муайянкунии арзиш ва камбудиҳои кори тадқиқотии иҷрошудаи худ ва дигар таҳқиқотчӣ, маслиҳатдиҳӣ ва танқиднамоӣ).

Диссертант дараҷаҳои ташаккулёбии салоҳиятҳои тадқиқотии хонандагони хурдсолро дар сатҳҳои мутобиқшавӣ (паст) - ҳосилшавии шавқи ноустувор ба фаъолиятҳои таҳқиқотӣ-таълимӣ, сермаҳсулӣ (миёна) - ҳосилшавии шавқи устувор ба фаолиятҳои таҳқиқотӣ-таълимӣ ва эҷодкорӣ (баланд) - ҳосил шудани маҷмӯи салоҳиятҳое, ки имконияти ҷустани мустақилонаи донишҳои нав, ҳосилшавии салоҳиятҳои аслӣ,

ташкил ва таҳияи шароити гузаронидани таҳқиқот ва озмоишро дар бар мегирад муайян кардааст.

Ҳамчунин диссертант вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, эҷодӣ, ҷубронӣ, ҳамгирой ва интиқолии озмоишҳои хонагиро, ки дар раванди таълимму тарбияи хонандагони хурдсол бисёр ноқисиҳоро рафъ менамоянд, ошкор сохтааст.

**Саҳми шахсии унвонҷӯй** дар иштироки бевоситаи ӯ дар марҳалаҳои таҳқиқот: интихоб, таҳия, коркард, банақшагирию асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии маводи озмоишҳои педагогӣ ва коркарди оморию риёзии онҳо, таҳлил корбаст ва тарҳрезии натиҷаҳои корҳои озмоишӣ – таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия таҷассум мeёбад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, пешниҳод ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Шумораи адабиёти истифодашуда ба 216 адад расида, ҳаҷми умумии диссертатсия 219 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

**Муҳтавои асосии диссертатсия.** Дар муқаддимаи диссертатсия тавсифи умумии таҳқиқот дарҷ шуда, дар он мубрамӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқот, дараҷаи азхудшавии мавзуъ, заминаҳои илмӣ, назариявию методологӣ, мақсад, объект, мушкилот, вазифаҳо, фарзия, муқаррароте, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, эътимоднокии натиҷаҳо, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсӣ дар таҳияи диссертатсия, интишорот шарҳи мушаххас ёфтааст.

Боби якум **«Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди гузаронидани озмоишҳои хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ»** аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум «Мазмун ва моҳияти мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳиятнокӣ», «салоҳиятҳои таҳқиқотӣ» ва асосҳои

психологӣ-педагогии ташаккулёбии онҳо дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ», ки ба таҳлили таърих ва масъалаҳои умумии омӯзиши соҳаи педагогика ва психология дар самти ташаккулёбии маҳорату малака ва салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол мавриди гузаронидани озмоишҳо дар синф ва хона бахшида шудааст, мафҳумҳои асосӣ шарҳ ёфта, қонуниятҳо ва шароити асосӣ, ҳамчунин заминаҳои ташаккулёбии салоҳиятҳо муайян гардидааст. Дар зербоби дуюм ҳолати воқеии истифодаи озмоиш ҳамчун воситаи асосии ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсол мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Хусусиятҳои методии ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ-озмоишии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди гузаронидани озмоишҳои хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ»** низ аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал, ки «Методикаи ташаккулдиҳии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ-озмоишии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар рафти гузаронидани озмоишҳо дар хона аз фанни табиатшиносӣ» ном гирифтааст, роҳҳои ташкили фаъолиятҳои мустақилонаи таълимии хонагии озмоишӣ ва мушоҳидаҳоро амсиласозӣ намуда, ҳамзамон меъёрҳои ташхиси дараҷаҳои ташаккулёбии салоҳиятҳоро дар самтҳои ташкили-амалӣ, ҷустуҷӯӣ, ахборотӣ, ва рефлексивӣ коркард ва асосҳои методологӣ, педагогию психологии тарбия ва маърифати экологии хонандагонро тавсифу баррасӣ намудааст.

Аммо бо назардошти таҳқиқоти олимони болозикр оид ба ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои зистшиносӣ, аз ҷумла экологиякунонии мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ва дар асоси омӯзиши мушкилоти соҳа фаъолияти педагогии омӯзгорону методистони касбии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври бояду шояд тавсиф, корбаст ва тарҳрезӣ нагардидааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки мазмуни асосии таҳқиқотро ифода мекунанд, бо теъдоди мақолаҳои илмӣ: 10 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 номгӯй дар маводи конференсияҳо нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз ғалатҳову норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо бар суди кори унвонҷӯ хоҳад буд:

1. Муаллифи рисола бо вуҷуди он ки оид ба ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди истифодаи озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ маълумотҳои зиёде ҷамъ оварда, механизми татбиқи онро нишон додааст, вазъи омодагии техникии муассисаҳои таълимиро баррасӣ накардааст;

2. Муаллифи диссертатсия оид ба ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагон ва аҳаммияти маърифатии он маълумоти зиёд додааст, вале дар ин росто бисёр хуб мешуд, агар довталаб роҷеъ ба истифодаи технологияҳои иттилоотии муосир, филмҳои таълимию интернет андеша ва хулосаҳои худро манзур мекард ва бад-ин васила арзиши илмиву амалии таҳқиқоти худро бештар мекард;

3. Адабиёти истифодашудаи бо забони тоҷикӣ доир ба мавзуъ нисбат ба забонҳои дигар камтар ба чашм мерасад;

4. Баъзе истилоҳот дар забони асл оварда шудаанд ва шакли тоҷикии онҳо истифода нагардидаанд, ки он ба сифати кор таъсири манфӣ мерасонад;

5. Дар рисола баъзе ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ, техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат хоҳад кард.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмиву амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ халали ҷиддӣ ворид намесозанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланд таълиф гардида, ба матни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастомада медиҳад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи илмии диссертатсияи Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич дар мавзуи: **«Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ»,** ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01- назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (биология)) пешниҳод намудааст, кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, масъалаи мубрами рӯзро таҷассум менамояд. Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, мутобиқи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01- назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (биология)) арзанда мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода — Ашурова Дилором

Имзои Ашурова Дилоромро тасдиқ мекунам: сардори РК ва КМ ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода — Юсупова Б.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

16.11.2023